*Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 29 апрели соли 2015 №256 тасдиқ шудааст*

# НИЗОМНОМАИ НАМУНАВИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ (минбаъд Низомнома) фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, Маркази инкишофи кӯдаконро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба танзим медарорад.

2.Муассисаҳои таълимии томактабӣ фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, Оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мемонад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани ёрӣ ба оилаҳо, муҳайё намудани шароити мусоиди тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабӣ бо назардошти майлу хоҳиш ва ниёзи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ширхоргоҳу кӯдакистонҳо, хонаҳои кӯдакон (барои кӯдакони ятиму бепарастор) ва дигар муассисаҳои томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонарӯзӣ, оилавӣ, Маркази инкишофи кӯдак ва муассисаҳои ба инҳо баробари давлатию ғайридавлатӣ ташкил карда мешаванд.

4.Низомномаи мазкур вазифаву уҳдадориҳо, ҳуқуқ ва вазифаҳои сохтори муассисаи таълимии томактабӣ, хусусияти ташкили ҷараёни таълим, талабот ба идораи муассисаи таълимии томактабиро муқаррар менамояд.

5.Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳуқуқ доранд, ки намуди муассисаи таълимии томактабӣ ва забони таълимро интихоб намоянд.

## 2. Мақсад ва вазифаи муассисаи таълимии томактабӣ

6.Мақсади асосии фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ иборат аст аз:

- таъмини инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак дар синну соли барвақтӣ ва томактабӣ бо назардошти имкониятҳои синнусолӣ ва инфиродӣ, қобилият ва талабот, ташаккул додани меъёрҳои ахлоқӣ ва мусоидат намудан барои ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоии кӯдак;
- татбиқи барномаҳои таълиму тарбияи томактабӣ;
- фароҳам овардани шароит барои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синну соли барвақтӣ ва томактабӣ ва иҷтимоикунонии онҳо;
-фароҳам овардани шароит барои ташаккули ҳисси ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ;
-фароҳам овардани шароит барои инкишофи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим;
-таъмини дастгирии иҷтимоию педагогии тарбиягирандагон ва расонидани кумаки равонӣ ба онҳо;
- муҳайё сохтани шароит барои таъмини сифати хизматрасонии пешниҳодшудаи таълимию тарбиявӣ, аз ҷумла хизматрасонии пулакӣ.
- бароҳмонииислоҳи зарурии норасоиҳо дар инкишофи ҷисмонӣ ва равонии тарбиягирандагон;
- расонидани кумаки машваратӣ ва методӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) оид ба масъалаи тарбия, таълим, инкишоф ва нигоҳдошти саломатии кӯдак;
-таъмини имконияти бомуваффақият гузаштан ба зинаи дигари таҳсилот.

**3.Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муассисаи таълимии томактабӣ**

7. Муассисаи таълимии томактабӣ ҳуқуқ дорад:

- фаъолияти таълимию тарбиявиро амалӣ намояд;
- сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кори муассисаи таҳсилоти томактабиро тартиб диҳад;
- дар фаъолияти озмоишӣ ва инноватсионӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд;
- ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд;
- фаъолияти дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва Оинномa пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

**4. Муассисаи таълимии томактабӣ уҳдадор аст:**

-ҷараёни таълимро мутобиқи талаботи стандартҳои таҳсилоти томактабӣ, санадҳои таълимию барномавии таҳсилоти томактабӣ ва Низомномаи мазкур амалӣ намояд;

-сифати таълиму тарбияи томактабиро таъмин намояд;

-шароити бехатарро ҳангоми ташкили ҷараёни таълим фароҳам оварад;

-таҳия ва қабули қоидаҳои дохилии муассисаи таълимии томактабиро таъмин намояд;

-шароити заруририро барои ташкили хӯрок ва расонидани ёрии тиббӣ ба тарбиягирандагон муҳайё созад;

- падару модари (шахсони онҳоро ивазкунанда) тарбиягирандагонро ҳангоми қабули кӯдак ба муассисаи таълимии томактабӣ бо Оинномаи муассиса ва дар сурати талаби онҳо бо барномаҳои таълимӣ шинос намояд;

-ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар гузаронидани санҷиш барои таъмини сифати таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат намояд;

-дигар уҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намояд.

**5.Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимии томактабӣ**

9.Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимии томактабӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

10. Барои фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Иҷозатнома" дода мешавад.

11. Муассисаи таълимии томактабӣ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои муҳр бо тасвири нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, штамп ва лавҳа бо забони давлатӣ мебошад.

12. Муассиса дар асоси Оинномa амал мекунад, ки онро мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф тасдиқ менамояд.

13. Муносибати тарафайни муассисаи томактабӣ ва падару модари (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳар як кӯдак бо шартнома, ки дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дутарафаи дар раванди таълим, тарбия ва нигоҳубин ба вуҷуд омада дарҷ мегарданд, ба танзим дароварда мешаванд.

14. Муассисаи томактабӣ дар биное, ки ба талаботи санитарӣ-гигиенӣ, зиддиэпидемӣ ва қоидаҳои зиддисӯхтор ҷавоб дода метавонад, таъсис дода мешавад.

15. Муассисаи томактабӣ ҳуқуқ дорад, ки маблағҳои пулӣ аз ҷумла бино, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт ва ғайраро аз фондҳои хайрия ва ҷамъиятӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандон ва сарпарастон ба таври ройгон қабул намояд.

16. Тартиби кори муассисаи томактабӣ бо пешниҳоди мақомоти маҳаллии идоракунии маориф бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилоте, ки кӯдакистон тобеи он мебошад, муқаррар карда мешавад. Бо назардошти хоҳиши падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар муассиса пагоҳӣ ва бегоҳӣ, ҳамчунин дар рӯзҳои шанбе ташкили гурӯҳҳои навбатдор иҷозат дода мешавад:

-оғози кори кормандони кӯдакистон аз соати 06:30;

-қабули кӯдакон аз соати 7:00;

-анҷоми кори кӯдакистон соати 17: 00

17. Бо назардошти эҳтиёҷоти падару модароне, (шахсони онҳоро ивазкунанда) ки дар сохтори давлатӣ кор мекунанд, ташкил намудани гурӯҳҳои навбатдор аз соати 17.00 то соати 18.00 иҷозат дода мешавад.

18. Дар муассисаи таълимии томактабӣ ба ғайр аз барномаҳои тасдиқгардида бо аризаи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар асоси ҳисоби хоҷагӣ ва шартнома гурӯҳҳои кӯдакони лаёқатманд, гурӯҳҳои кӯтоҳмуддат, варзишию тандурустӣ, тарбияи мусиқӣ, эстетикӣ ва бадеӣ, гурӯҳҳо барои тарбия ва таълими кӯдакони аз ҷиҳати ақлӣ ва ҷисмонӣ инкишофнаёфта таъсис дода мешаванд.

19. Муассиса эҳтиёҷоти худро ба захираи моддӣ ва маводи хӯрока мустақилона муайян намуда, онро ба таври марказонидашуда ва ё тариқи шартнома дастрас карда метавонад.

20. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муассисаи томактабиеро, ки дар маҳаллашон фаъолият доранд, ба таври марказонидашуда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва даромадҳои худ бо захираҳои моддӣ ва маводи хӯрока таъмин менамояд.

21. Масрафи маблағи маводи хӯрока аз меъёри муайяннамудаи давлатӣ кам буда наметавонад.

22. Хизмати тиббии кӯдакон мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои меъёрии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, ки бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф мувофиқа карда шудааст, сурат мегирад.

23.Хизматрасонии тиббӣ барои кӯдакони ҳамаи намуди муассисаи давлатӣ ройгон аст.

24.Муассиса барои амалӣ намудани вазифаҳои худ ҳамчун муассисаи мустақил метавонад дар асоси шартнома ба иттиҳодияҳои мухталиф дохил шавад.

25. Дар муассисаи таълимии томактабӣ ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, динӣ ва ташкилотҳо иҷозат дода намешавад.

**6.Қабули кӯдакон ба муассисаи таълимии томактабӣ**

26. Ба муассисаҳои таълимии томактабӣ чунин навъи муассисаҳои таълимӣ мансубият доранд:

-ширхоргоҳ - барои кӯдакони то 3 - сола;

-ширхоргоҳ-кӯдакистон - барои кӯдакони аз 1 солаю 6 - моҳа то 7 -сола;

-кӯдакистон - барои кӯдакони аз 3 то 7 - сола;

-кӯдакистон – мактаби ибтидоӣ - барои кӯдакони аз 3 то 10 - сола;

-хонаи кӯдакон - барои кӯдакони аз 2- моҳа то 7 - сола;

-мактаб-интернат (гурӯҳи томактабӣ) – барои кӯдакони аз 1 то 7 - сола;

-мактаб-интернати махсус (гурӯҳи томактабӣ) – барои кӯдакони аз 6 то 7 - сола;

-муассисаи таълимии дорои гурӯҳҳои (синфҳои) омодагии пешазмактабӣ – барои кӯдакони аз 5 то 7 – сола;

- Маркази инкишофи кӯдак – барои кӯдакони аз 4 то 7- сола;

-кӯдакистони хусусӣ - барои кӯдакони то 7- сола;

-кӯдакистони оилавӣ - барои кӯдакони то 7- сола;

-кӯдакистони навъи тавонбахшӣ – муассисаи таълимии томактабӣ барои кӯдакони аз 2 то 7 – сола, ки ба табобати ҷисмонӣ ва ё инкишофи равонӣ, муолиҷа ва тавонбахшӣ эҳтиёҷ доранд;

- хонаи кӯдакони навъи интернат – муассисаи таълимии томактабие, ки дар он нигоҳубин, тарбия, таълим ва мусоидати иҷтимоӣ ба кӯдакони ятим ва бепарастори синни томактабӣ ва мактабӣ аз ҳисоби давлат таъмин карда мешаванд;

-хонаи кӯдакони ятиму бепапастор - муассисаи таълимии томактабии низоми ҳифзи саломатӣ барои ҳимояи тиббию иҷтимоии кӯдакони ятим ва бепарастор, кӯдаконе, ки аз рӯзи таваллуд нуқси ҷисмонӣ ё равонӣ доранд, кӯдаконе, ки аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) рад карда шудаанд, инчунин кудаконе, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) бо сабабҳои гуногун муваққатан онҳоро тарбия карда наметавонанд ё аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудаанд.

27. Муассиса кӯдаконро бо роҳхати мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ё ташкилоту муассисаҳое, ки муассиса тобеи онҳо мебошад, қабул мекунад. Тартиби бақайдгирии ариза, ба низом даровардан ва додани роҳхат аз тарафи мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ё ташкилоту муассисаҳои дахлдор муайян карда мешавад.

28.Ба муассиса дар навбати аввал фарзандони падару модари танҳо, ки кор мекунанд, модароне, ки таҳсил ва кор мекунанд, маҷрӯҳони гурӯҳи 1 ва 2, кӯдакони оилаҳои серфарзанд, кӯдаконе, ки таҳти васоят ва парасторӣ қарор доранд, кӯдаконе, ки падари онҳо дар хизмати ҳарбӣ ё дар табобати дарозмуддат мебошанд, қабул карда мешаванд.

29. Кӯдакони бо тамоюли норасоӣ дар инкишоф дошта ба муассисаҳои (гурӯҳҳо) томактабии ҷубронкунандаи навъи гуногун, ки шароити мусоид барои корҳои ислоҳкунӣ доранд, қабул карда мешаванд.

30. Қабули кӯдакон бо тамоюли норасоӣ дар инкишоф дошта ба муассисаҳои (гурӯҳҳо) томактабии ҷубронкунанда дар асоси қарори комисияи байнисоҳавии минтақавии равонӣ-тиббӣ-педагогӣ амалӣ мегардад.

31. Гузаронидани тарбиягиранда ба муассисаи дигари таҳсилоти томактабӣ бо розигии падару модари (шахсони онҳоро ивазкунанда) тарбиягиранда дар мавриди қатъ гардидани фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ амалӣ карда мешавад.

32. Гузариш аз муассисаи таълимии томактабӣ ба муассисаи дигари таълимии томактабӣ дар асоси аризаи падару модар (ё шахсони ивазкунанда) тарбиятгиранда ва бо фармони роҳбари муассисаи таълимии томактабӣ ба расмият даровarda мешавад.

33. Хориҷ кардани кӯдак аз муассиса дар асоси хулосаи тиббӣ дар бораи саломатии кӯдак, ки ба муассисаи таълимии томактабӣ рафтани ӯро манъ мекунад, ҳангоми бештар аз як моҳ бесабаб наомадани кӯдак ба муассисаи томактабӣ сурат мегирад.

34. Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳафт рӯз пеш аз хориҷ намудани кӯдак хабардор карда мешаванд. Бо сабаби тағйирёбии ҷойи кори падару модарон хориҷ кардани кӯдак аз муассисаи томактабӣ қатъиян манъ карда мешавад. Дар ҳолатҳои гирифтани табобат дар санаторияву истироҳатгоҳҳо, ҳангоми беморӣ ё рухсатии падару модар, инчунин дар фасли тобистон новобаста аз муҳлати рухсатии падару модар ҷойи кӯдак дар муассиса то 75 рӯз нигоҳ дошта мешавад.

35. Дар сурати қатъ гардидани фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ва муассис ба муассисаҳои таълимии томактабии дигар гузаронидани тарбиягирандагонро таъмин менамоянд.

## 7.Пур кардани (комплектатсия) гурӯҳҳои синну солии муассисаи таълимии томактабӣ

36. Тартиби пур кардани гурӯҳҳои муассисаи таълимии томактабӣ аз ҷониби муассис дар мувофиқа бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва дар Оинннома дарҷ мегарданд.

37. Ба муассисаи таълимии томактабӣ кӯдакони аз синни 1 то 7 сола қабул карда мешаванд. Қабули кӯдакон дар асоси хулосаи тиббӣ, ариза ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти падар ё модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ба роҳ монда мешавад.

38. Кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд, кӯдакони маъюб ба гурӯҳҳои самти ҷубронкунанда доштаи муассисаи таълимии томактабӣ бо ризогии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар асоси хулосаи тиббии равонӣ-тиббӣ-педагогӣ дошта қабул карда мешаванд.

39. Вобаста ба давраҳои синнусолӣ то 1 сентябр гурӯҳҳои синнусолии зерин дастаҷамъӣ мегарданд:

-гурӯҳи 1-уми синни барвақтӣ (аз 1-сола то 1- солаю 6- моҳа)- 12 нафар;

-гурӯҳи 2-юми синни барвақтӣ (аз 1- солаю 6 -моҳа то 2- сола) -12 нафар;

-гурӯҳи якуми хурд (аз 2 -сола то 3 -сола) -22 нафар;

-гурӯҳи дуюми хурд (аз 3- сола то 4- сола) -22 нафар;

-гурӯҳи миёна (аз 4 -сола то 5- сола)-25 нафар;

-гурӯҳи калон (аз 5 то 6 -сола)-30 нафар;

-гурӯҳи омодагӣ ба мактаб (аз 6 -сола то 7- сола)- 30 нафар

40. Дар гурӯҳҳои синну солашон гуногун (омехта) ҳадди охирини пур намудани гурӯҳҳо чунин муқаррар гардидааст:

ду синну сол (аз 1с.6- моҳа то 3- сола) – 13 кӯдак;

се синну сол (аз 3 то 7- сола) – 17 кӯдак

ду синну сол (аз 3 то 7- сола) – 20 кӯдак

Гурӯҳи омодагии пешазмактабӣ (дар назди муассисаи томактабӣ, дар назди муассисаи таҳсилоти умумӣ, Маркази инкишофи кӯдак, кӯдакистони хусусӣ, оилавӣ) - 25 нафар

41. Дар муассисаҳои махсусгардонидашуда ҳадди охирини пур намудани гурӯҳҳо аз дараҷаи кӯдакон ва синну сол (то 3- сола ва аз 3- сола калонтар) муқаррар гардидааст ва чунин аст:

-кӯдаконе, ки дар нутқашон лакнат, нуқсонҳои вазнин доранд - 6 ва 10 нафар;

-кӯдаконе, ки тарзи талаффузи фонетикӣ ва фонематиашон вайрон танҳо синну соли аз 3- сола калонтар -12 нафар;

-кӯдакони кар - 6 нафар барои ҳар ду гурӯҳи синнусолӣ;

-кӯдакони камшунаво -6 ва 8 нафар;

- кӯдакони нобино- 6 нафар барои ҳар ду гурӯҳи синнусолӣ;

-кӯдакони хирачашм ва олус - 6 ва 10 нафар;

-кӯдаконе, ки дар узви такягоҳию ҳаракат иллат доранд - 6 ва 8 нафар;

-кӯдакони ноқисулакл- 6 нафар;

-кӯдакони ақлан ақибмондаи дараҷаи сабук -6 ва 10 нафар;

-кӯдакони ақлан ақибмондаи дараҷаи миёна, вазнин, танҳо синну соли аз 3-сола калонтар - 8 нафар;

-кӯдакони дорои касалии аутизм, танҳо синну соли аз 3- сола калонтар - 8 нафар;

- кӯдакони дорои имконияти ҷисмониашон маҳдуд – 10-15 нафар

42.Дар гурӯҳҳои навъи табонбахшӣ ҳадди охирини пур намудани гурӯҳҳо аз дараҷаи кӯдакон ва синну сол (то 3- сола ва аз 3- сола калонтар) чунин аст :

-кӯдаконе, ки касалии сил доранд (гурӯҳи санаторӣ) -10 ва 15 нафар;

-кӯдаконе, ки зуд-зуд бемор мешаванд (гурӯҳи санаторӣ)-10 ва 15 нафар;

- барои категорияи дигари кӯдакон, ки барои онҳо чорабиниҳои тандурустии дастаҷамъонаи махсус зарур аст – 12 ва 15 нафар кӯдак

**8. Фаъолияти молиявию хоҷагидории муассиса**

43. Манбаи маблағгузории тамоми фаъолияти тарбиявию таълимӣ, хоҷагиву молиявии муассисаро маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағи худи муассис ва дигар сарчашмаҳо ташкил медиҳанд.

44. Муассисаи ғайридавлатӣ (хусусӣ) бошад, аз ҳисоби маблағҳои муассис фаъолият мекунад.

45. Супоридани маблағ аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ба мақсади пардохти хароҷот барои нигоҳубини кӯдакон дар муассиса мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

46. Барои маблағгузории муассиса ҳамчун воҳиди ҳисоби солона ба ҳисоби миёна як кӯдак гирифта мешавад.

47. Муассиса метавонад мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои иловагӣ, ки оинномааш пешбинӣ кардааст, инчунин аз ҳисоби эҳсонкорӣ ва пардохтҳои мақсадноки шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва хориҷӣ истифода барад.

48. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаи таълимии томактабӣ инҳо мебошанд:

даромад аз ҳисоби хизматрасонии моддӣ, ки дар асоси шартнома бо корхона, муассисаю ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ мувофиқи дархости падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ба даст оварда мешавад;

пардохтҳои ихтиёрии эҳсонкорӣ ва дигар маблағҳое, ки аз ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳида ворид мешаванд.

49. Маблағи муассисаи давлатӣ мутобиқи Оинномаи он истифода бурда мешавад.

50. Муассиса хизматрасонии иловагӣ, ба монанди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, гузаронидани машғулиятҳо оид ба хореография, варзиши мавзун (ритмика), инчунин, дигар намудҳои хизматрасониро тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ташкил менамояд.

51. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаи таълимии томактабии давлатӣ ба муассисаи ғайридавлатӣ (хусусӣ) низ тааллуқ доранд.

52. Раванд ва тартиби истифодаи маблағҳои муассисаи таълимии томактабии ғайридавлатӣ, ки аз манбаъҳои манънашудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил меёбанд, мутобиқи Оиннома ва дигар ҳуҷҷатҳои таъсисии муассисаи дахлдор муайян карда мешаванд.

53. Меъёрҳои маблағгузории муассисаи таълимии томактабии ғайридавлатӣ аз меъёрҳои маблағгузории муассисаи таълимии томактабии давлатӣ кам буда наметавонанд.

54. Муассиса ҳисоботи муҳосибавӣ ва оморӣ тартиб дода, онро дар мӯҳлатҳои муайяншуда ба мақомоти дахлдор пешниҳод мекунад. Шаклҳои ҳисобот, нишона ва мӯҳлати пешниҳоди онҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**9.Идора ва роҳбарӣ ба муассисаи таълимии томактабӣ**

55. Идоракунии муассиса мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои таъсисии он амалӣ гардонида мешавад. Роҳбарии умумии муассисаи таълимӣ Шӯрои педагогӣ буда, роҳбарии бевоситаи онро мудири муассисаи таълимии томактабӣ амалӣ менамояд.

56. Муассисаи ғайридавлатӣ (хусусӣ) ҳамчун қисми таркибии системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари муассисаи давлатӣ салоҳият ва масъулият дорад.

57. Роҳбарони муассисаи таҳсилоти давлатии томактабӣ мутобиқи тартиби муқарраршуда аз тарафи мақомоти ваколатдор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

58. Назорати фаъолияти педагогии ҳамаи намудҳои муассисаҳои томактабӣ новобаста ба мансубияташон аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳалии идоракунии маориф ба роҳ монда мешавад.

59. Муассисаи таълимии томактабии ғайридавлатӣ мутобиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои таъсисии он идора карда мешавад.

60. Идоракунии бевоситаи муассисаи таълимии томактабии ғайридавлатиро муассиси он ё бо супориши он шӯрои сарпарастон, ки муассис ташкил медиҳад, амалӣ менамояд.

61. Мудирони муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ дар бораи фаъолияти худ дар назди мақоме, ки онҳоро таъсис додааст, масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

62. Мақомоти худидоракунии муассисаи таълимии давлатӣ (Шӯрои педагогӣ, кумитаҳои сарпарастон ва падару модарон) тадбирҳои зеринро амалӣ менамоянд:

манфиатҳои субъектҳои раванди таълиму тарбияро ташаккул ва инъикос намуда, ҳифзи онҳоро таъмин менамоянд;

нақшаи молиявию хоҷагии муассисаи таълимии томактабиро муайян менамоянд;

вазъи молиявию хоҷагии муассисаро назорат мекунанд.

63. Ба ҳайати Шӯрои педагогӣ мудири кӯдакистон, мушовир, мураббиён, раиси кумитаи падару модарон, ҳамшираи тиббӣ, роҳбари мусиқӣ дохил мешаванд.

**10. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои раванди тарбия ва таълим**

64. Субъектҳои раванди тарбия ва таълим инҳоянд:

- тарбиягирандагон, мураббиён, дигар кормандони омӯзгорӣ, падару модари (шахсони онҳоро ивазкунанда) тарбиягирандагон, намояндагони ташкилоту муассиса, ассотсиатсия, фондҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин шаҳрвандони алоҳида, ки дар фаъолияти муассисаи таълимии томактабӣ иштирок мекунанд.

65. Тарбиягирандагони муассисаро муассис бо корманди тиб, солимгардонӣ ва дигар маводи эҳтиёҷоти аввалияи тиббӣ таъмин менамояд.

66. Ба фаъолияти педагогӣ шахсоне машғул шуда метавонанд, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ буда, малакаи зарурии касбӣ ва сифатҳои баланди ахлоқӣ бошанд.

67. Кормандони омӯзгории муассисаи таълимии томактабӣ бо мақсади таъмини босамари раванди тарбиявӣ-таълимӣ мустақилона барномаҳои муаллифии альтернативиро интихоб ва мавриди истифода қарор медиҳанд, воситаҳои ҳозиразамони тарбия, таълим ва нигоҳдошти саломатии кӯдаконро дар мавриди риоя намудани талаботҳои Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

68. Кормандони омӯзгории муассисаи таълимии томактабӣ давра ба давра аз аттестатсия мегузаранд. Мувофиқи натиҷаи аттестатсия ба вазифаи ишғолкарда сазовор будани корманд дараҷаи тахассусӣ ва сатҳи он муайян карда мешавад.

69. Кормандони соҳаи омӯзгорие, ки кирдори содирнамудаашон ба минбаъд давом додани фаъолияти педагогӣ мухолиф аст, ба вазифаашон номуносиб дониста мешаванд, ё худ омӯзгороне, ки вазъи саломатиашон садди иҷрои вазифаҳои омӯзгорӣ мегардад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кори педагогӣ озод карда мешаванд.

70. Шахсоне, ки мувофиқи ҳукми суд ё нишондодҳои тиббии тасдиқшуда ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шуданашон манъ карда шудааст, ба кори муассисаи таълимии томактабӣ иҷозат дода намешаванд.

71. Мудири муассиса ҳуқуқу вазифаҳои зерин дорад:

-истифодабарандаи маблағҳо ба ҳисоб рафта, аз номи муассисаи таълимии томактабӣ бо дигар муассисаю ташкилот қарордод мебандад ва барои мақсаднок истифодабарии ин маблағҳо ҷавобгар мебошад;

дар доираи салоҳияти худ фармон баровaрда, ҷазо медиҳад;

масъалаи интихоб намудан ва ҷобаҷогузории кадрҳоро ҳал намуда, ҳуқуқи ба кор қабул ва аз вазифа озод намуданро тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, ҷадвали воҳидҳои кориро дар доираи маблағҳои пешбинишуда тартиб медиҳад;

барои беҳтар намудани таълиму тарбияи кӯдакон хизматрасонии иловагии таълимро ташкил менамояд;

иҷрои талаботи санитарӣ-гигиенӣ, зидди сӯхтор ва дигар шартҳоро оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон таъмин менамояд;

мутобиқи тартиботи муқарраргардида аттестатсияи кормандонро ташкил намуда, ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо ва тартиб додани ҷадвали воҳидҳои корӣ натиҷаи аттестатсияро ба ҳисоб мегирад;

дар асоси қарори Шӯрои педагогӣ барои ба амал баровардани чараёни тарбия ва таълим дар муассиса шароит фароҳам меоварад.

72. Кормандони омӯзгории муассиса ҳуқуқу вазифаҳои зерин доранд:

аз роҳбари муассиса барои амалӣ гардонидани ҷараёни тарбия ва таълим шароити мусоидро талаб намояд;

ба ҳавасмандгардонии маънавӣ барои комёбиҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи насли наврас, мукофотонидан бо ордену медалҳо, гирифтани унвонҳои фахрӣ пешниҳод гардад;

ташаббуси омӯзгорӣ ва густариши таҷрибаи пешқадами худ, интихоби озоди шакл, методу усулҳои самарабахши тарбияю таълимро густариш диҳад;

иҷрои барномаҳои таълиму тарбиявиро таъмин намояд;

ба рушду инкишофи қобилияти тарбиягирандагон мусоидат намуда, онҳоро дар руҳияи эҳтиром нисбат ба падару модар, ҳамсолон, калонсолон, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ, расму оинҳо, муҳити зист ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия намоянд;

одобу ахлоқи педагогиро риоя намуда, ҳуқуқ ва қадру эътибори кӯдакро эҳтиром кунанд, кӯдаконро аз аъмоли зӯроварии ҷисмонию равонӣ ҳимоя намоянд, дар бобати пешгирии бемориҳои сирояткунанда, истеъмоли машрубот ва моддаҳои нашъаовар кор баранд.

73. Падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳуқуқу вазифаҳои зерин доранд:

барои фарзандонашон муассисаҳои таълимии томактабӣ ва шакли таълимро интихоб намоянд;

дар кори мақомоти худидораи муассисаҳои таълимии томактабӣ иштирок намоянд;

ба мақомоти давлатии идораи маориф ва худидораи муассисаҳои таълимии томактабӣ оид ба масъалаҳои тарбия ва таълими фарзандон муроҷиат намоянд;

манфиатҳои қонунии фарзандони худро вобаста ба тарбияю таълим дар мақомоти давлатӣ ва суд ҳимоя кунанд;

барои сиҳатии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак пайваста ғамхорӣ намуда, ӯро ба мактаб омода ва барои инкишофи қобилиятҳои кӯдак шароити зарурӣ муҳайё созанд;

ҳуқуқ ва шаъну шарафи фарзандонро ҳимоя намоянд;

фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накӯкорӣ, раҳмдилӣ, эҳтироми аҳли оила, забони модарӣ, адабиёту таърих ва анъанаҳои миллии фарҳангии халқи худ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд;

ба фарзандон барои гирифтани тарбияю таълим дар муассисаи таълимии томактабӣ мусоидат намуда, дар хона шароити мусоид муҳайё созанд.

**11.Таъсис, фаъолият ва барҳамдиҳии Маркази инкишофи кӯдак**

74. Маркази инкишофи кӯдак бо ташаббуси муассис ва бо дастгирии мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳалии идораи маориф ва дар мувофиқа бо мақомоти молия ташкил карда мешавад.

75. Муассиси Маркази инкишофи кӯдак мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идораи маориф, иттиҳодияҳои чамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, кумитаи падару модарон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳои таълимӣ буда метавонанд.

76. Маркази инкишофи кӯдак метавонад, ҳамчун шахси ҳуқуқии алоҳида, ё ҳамчун сохтори муассисаҳои таълимӣ ташкил карда шавад. Маркази инкишофи кӯдакон, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ ташкил карда мешаванд, дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ набуда, қисми таркибии муассисаи таълимӣ ба ҳисоб мераванд.

77. Маркази инкишофи кӯдак вобаста ба шакли ташкилшавӣ ва моликияташон метавонанд шаклҳои зерин дошта бошанд:

-Маркази инкишофи кӯдакон;

-Маркази хусусии (ғайридавлатии) инкишофи кӯдакон.

78. Маркази инкишофи кӯдак ҳамчун шахси ҳуқуқии алоҳида, аз ҷониби мақомотҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешаванд ва шакли моликияташон давлатӣ мебошад. Таъсис ва ташкили фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

79. Дар сурати мавҷуд набудани пояи моддӣ-техникӣ, хусусан синфхонаҳо дар муассисаҳои таълимӣ, Маркази инкишофи кӯдак дар биноҳои алоҳида, яъне берун аз муассисаҳои таълимӣ метавонанд ташкил карда шаванд. Назорату идоракунии Марказ ба роҳбарияти яке аз муассисаи таълимӣ вогузор карда шавад.

80. Маркази инкишофи кӯдак ҳамчун қисми таркибии муассисаи таълимӣ дар маҳаллаҳое, ки талабот ба таҳсилоти томактабӣ аст ё муассисаи таълимии томактабӣ мавҷуд нест, ташкил карда мешаванд.

81. Муассисаҳои таълимие, ки дар назди онҳо Маркази инкишофи кӯдак ташкил карда шудаанд, вазифадоранд дар доираи имконият ва маблағҳои сарфагардидаашон як синфхонаро барои таҳсилоти томактабӣ ҷудо намоянду онро бо барқ (рушноӣ), гармӣ, ҳолати хуби санитарию гигиенӣ аз рӯи имкониятҳои молиявии мавҷуда, таъмин намоянд.

82. Ташкили Маркази инкишофи кӯдак дар назди муассисаҳои таълимӣ набояд бар хилофи фаъолияти оинномавии онҳо сурат бигирад.

83.Маркази инкишофи кӯдак барномаи таҳсилоти томактабиро амалӣ менамояд ва дар он гурӯҳҳои зерини таълимӣ ташкил карда шаванд:

-гурӯҳи таҳсилоти томактабӣ аз ҳисоби кӯдакони 3- 6 (7) сола;

-гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб аз ҳисоби кӯдакони 6-7 сола.

-гурӯҳи инкишофи ҷисмонӣ;

-маҳфилҳои оилавӣ вобаста ба манфиатҳо;

-лекотека яъне гурӯҳ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба кӯмакҳои педагогию-психологӣ ва тиббию иҷтимоӣ ниёз доранд;

-гурӯҳҳои мавсимӣ;

-гурӯҳи инкишоф вобаста ба майлу рағбат ва манфиатҳо (эстетикӣ, ҷисмонӣ, техникӣ, фарҳангӣ ва ғайра).

84. Забони таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдак тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

85. Маркази инкишофи кӯдак ҷиҳати иҷрои вазифаҳои бар зиммадоштааш дар роҳи инкишоф, таълиму тарбияи кӯдакон ҳуқуқ дорад, ки мустақилона бо муассисаву ташкилотҳо, лоиҳаҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои илмӣ-истеҳсолӣ, ҳомиёну сарпарасторон ва маблағгузорон робитаҳои мутақобилан судманд барқарор намояд.

86. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд дар миқёси як ноҳия Маркази инкишофи кӯдаконро муттаҳид намоянд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунию маблағгузории онҳоро ба роҳ монанд.

87. Маркази инкишофи кӯдак бо қарори суд ва ё тасмими муасиссон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Барҳамдиҳии Маркази инкишофи кӯдакон, ки дар назди муассисаи таълимӣ ташкил шудааст, дар мувофиқа бо мақомоти маҳалии идораи маориф сурат мегирад.

**12. Роҳбарӣ ва идоракунии Маркази инкишофи кӯдак**

88. Роҳбарӣ ва идоракунии Маркази инкишофи кӯдак дар асоси Низомномаи мазкур, инчунин Оинномаи муассисаҳои таълимӣ, ки Маркази инкишофи кӯдак дар назди онҳо ташкил шудаанд, сурат мегирад.

89.Роҳбарии бевоситаи Маркази инкишофи кӯдаконро директори муасиссаи таълимие, ки дар назди он Марказ ташкил карда шудааст, ба уҳда дорад.

90. Роҳбарият ва омӯзгор-мураббиёни Маркази инкишофи кӯдак вазифадоранд:

-ба падару модарон ва (шахсони онҳоро ивазкунанда) оиди таълиму тарбияи томактабии кӯдакон тавсияҳои методӣ диҳанд;

-ҳифзи саломатии кӯдакон, зиндагии онҳо ва шароитҳои гирифтани таълиму тарбияи томактабии кӯдаконро дар Маркази инкишофи кӯдак таъмин намоянд;

-ҳар сол то 15 июни соли ҷорӣ ба мақомоти болоӣ оид ба ташкилу фаъолияти Маркази инкишофи кӯдак ҳисобот пешниҳод намоянд;

-истифодаи усулҳои таълим, иҷрои барнома, нақшаю чорабиниҳо ва ташкили ҷараёни таълиму тарбияро дар Маркази инкишофи кӯдак назорат намоянд.

91. Роҳбари Маркази хусусӣ (ғайридавлатии) ва марказҳои давлатиеро, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ташкил карда шудаанд, муассис таъин менамояд ва дар оинномаи Марказ ҳуқуқу вазифаҳо, инчунин сохтори идоракунии онро нишон медиҳад.

**13. Тартиби қабул ба Маркази инкишофи кӯдак**

92. Ба Маркази инкишофи кӯдакон, кӯдакони аз 4 то 6 (7) сола новобаста аз миллату нажод, халқиятҳо ва мансубият ба ақалиятҳои миллию динӣ қабул карда мешаванд.

93. Қабули кӯдакон ба Марказ аз ҷониби директори муассисаи таълимие, ки дар назди он Маркази инкишофи кӯдак ташкил карда шудааст, таъсис дода мешавад.

94. Ҳангоми қабул ба Маркази инкишофи кӯдак ташкили имтиҳонҳои махсус ва гузаронидани озмунҳо манъ аст.

95. Қабули кӯдакон ба Маркази инкишофи кӯдак тавассути фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои зерин ба расмият даровarда мешавад:

-аризаи падару модарон ё (шахсони онҳоро ивазкунанда);

-маълумотномаи тиббӣ оиди вазъи саломатии кӯдак;

-нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти падару модар ё шахсони онро ивазкунанда;

-нусхаи шаҳодатномаи таваллуди кӯдак.

96. Ҳангоми қабули кӯдакон ба Маркази инкишофи кӯдак роҳбарияти муассисаи таълимӣ вазифадоранд, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) бо Оинномаи муассисаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, шароити таълиму тарбия ва ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи ҷараёни таълиму тарбия шинос намоянд.

97. Муносибати байни Марказ ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар асоси шартномаи тарафайн танзим карда мешаванд. Шартномаи мазкур аз ҷониби роҳбарияти муассиса мустақилона тартиб дода мешавад.

98. Кӯдакони имконияти ҷисмонӣ ва равонияшон маҳдуд дар Маркази инкишофи кӯдакон, дар сурати пешниҳод шудани маълумотномаи тиббӣ бе мамоният қабул карда мешаванд ва ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд.

99. Хориҷ намудани кӯдак аз Маркази инкишофи кӯдак танҳо дар асоси аризаи падару модар ё маълумотномаи тиббӣ оиди маҳдуд будани саломатии кӯдак, ки таълим гирифтати ӯ манъ аст, мумкин аст.

**14. Ҳуҷҷатнигории Маркази инкишофи кӯдак**

100. Ба номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурии Маркази инкишофи кӯдак инҳо дохил мешаванд:

-иҷозатномаи мақомоти маҳаллии идораи маориф оиди ташкили Маркази инкишофи кӯдак дар назди муассисаи тахсилоти умумӣ;

-қарори маҷлиси якҷояи падару модарон, сарпарастон ва шӯрои муассисаи таълимӣ;

-қарори шӯрои муассисаи таълимӣ;

-фармоиши роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба ташкили Маркази инкишофи кӯдакон;

-шартнома бо падару модар ё (шахсони онҳоро ивазкунанда);

-фармоиш оид ба қабули кӯдакон ба марказ;

-тарификатсияи омӯзгорон (мураббиёни) марказ;

-ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

-фармоиш дар бораи ба вазифа таъин кардани омӯзгор (мураббии) марказ

-сметаи даромад ва хароҷот;

-барномаи таълимӣ-тарбиявӣ;

-ҷадвали машғулиятҳо;

-дафтари иштирок дар машғулиятҳо;

-аризаи падару модар ё (шахсони онҳоро ивазкунанда);

-маълумотномаи тиббӣ оид ба вазъи саломатии кӯдак;

-нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда;

-нусхаи шаҳодатномаи таваллуди кӯдак.

**15. Ташкили ҷараёни таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдак**

101. Ташкили раванди таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдак ин ба вуҷуд овардани шароит барои инкишофи фаъолиятҳои гуногуни кӯдакон вобаста ба имкониятҳо, талабот, шавқ ва рағбаташон мебошад. Ҷараёни таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдак вобаста ба имкониятҳо, талабот, шавқ ва рағбати кӯдакон ташкил шуда шароит фароҳам оварда мешавад, то ки дар кӯдакон муносибатҳои мусбӣ ба таҳсилу мактаб, дарку аз худ намудан ташаккул ёбад.

102. Ташкили раванди таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдак дар асоси талаботи қонунгузории ҷорӣ, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдакон ва Оинномаи муассисаи таълимӣ сурат мегирад.

103. Таълим дар Маркази инкишофи кӯдак дар асоси барномаҳое сурат мегирад, ки онҳоро мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаклҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ тасдиқ намудааст ва ба Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ва Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак мувофиқат менамоянд.

104. Маркази инкишофи кӯдак дар интихоби усулҳои нави таълиму тарбия барои ташаккулу такмили дастовардҳои тарбиягирандагон (кӯдакон) дар доираи талаботи стандарти давлатӣ мустақил мебошад.

105. Таъминоти методии Маркази инкишофи кӯдак аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф, ташкилот ва сохторҳои он, хусусан мақомоти маҳалии идораи маориф ба амал бароварда мешавад.

106. Маркази инкишофи кӯдак метавонад бо дарназардошти имкониятҳои кадрӣ, техникӣ ва моддии худ дар мувофиқа бо мақомоти маориф ва молия якчанд гурӯҳҳои гуногунмазмун ташкил намояд.

107. Ба кӯдаконе, ки дар Маркази инкишофи кӯдак таҳсил менамоянд, иҷрои вазифаи хонагӣ супорида намешавад.

108.Ҳангоми кор бо кӯдакон шаклҳои фардӣ, гуруҳӣ ва зергурӯҳии ташкили таълим истифода карда мешаванд.

109. Бо мақсади ташкили ҷараёни таълиму тарбия дар Маркази инкишофи кӯдак роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ вазифадор ҳастанд тамоми шароитҳои санитарию гигенӣ, зиддисӯхторӣ, зиддиэпидемиологӣ ва равонию педагогииро таъмин намоянд.

110. Муҳлати таҳсил дар Маркази инкишофи кӯдак аз моҳи сентябр то моҳи июн буда, дар фасли тобистон кӯдакон ба таътил мебароянд.